Муаллиф: Administrator
06.05.2023 11:32 -

Савганд ба тамоми мукаддасот, ки бахси сунъии ба кадом миллат дахл доштани бадахшонихоеро, ки забонхояшон шаркиэронист, ба дилам задааст.

Точик будани ин мардум хакикатест равшантар аз оина!

Ин мардум асрхои аср точик будаанд ва дар ягон мархалаи таърих ба точик буданашон на онхо шубха кардаанд, на ягон миллати дигар.

Агар дар ин бобат шубхае чой медошт, дар айёми сахти табартаксими Осиёи Миёна хатман садо баланд мекарданд ва худро точик наменавиштанд ва бузургтарин намояндаи ин халк, Кахрамони Точикистон Шириншох Шохтемур бо он часорату донише, ки дошт, барои таъсис додани давлати точикон ин кадар чонбозӣ намекард ва хадди акал худро точик намегуфт! Ё хатман аз байни халки Шугнон, Рӯшон, Вахон, Язгулом ва Ишкошим одамоне пайдо мешуданд, ки ин масъаларо ба миён меандохтанд. Аммо ягон хуччат ва хатто ривояте дар даст надорем ё нашунидаем, ки кадом нафаре аз ин мардум худро точик надонистааст ва изхори норозигӣ карда бошад.

Помирӣ миллат нест! Он мафхуми чугрофиест, ки бо омадани русхо аз тарики рохи Помир (Мургоб) ба Бадахшон дар забони мардуми олам уфтод ва на хамчун мансубияти миллӣ, балки ба сифати мансубияти чугрофии маскунини ин сарзамин ба кор бурда мешуд.

Як хатои бузурге, ки дар нимаи карни 20 хукумати ИЧШС ба он рох дод, ин аст, ки Помири таърихиро соли 1932 ба муносибати 40-солагии ба дехачаи Маргов омадани фавчи нахустини аскарони рус ва мустакар гаштан дар сархади Чин, Мургаб ном ниходанд ва бо хамин номи хакикиаш - Марговро ба талаффузи худ мутобик карда Мургаб (баъдан точикони мо онро аз русӣ ба точикӣ Мургоб тарчума карда, ба дасти худашон вайрон) карданд ва ба ин восита номи Помирро аз байн бурда, ба дахони як зумра хувиятбохтагони бесаводи махалгарои оянда ба воситаи маъруф гардондани ин номвожа калима гузоштанд.

Ба хотири аз байн бурдани ин бахси нанговар пешниход мекунам, ки:

а) Номи маснуии нохияи Мургоб ба номи таърихии он – Помир иваз карда шавад, то ин гурӯхи худбехабари миллатситез ба таври аёнӣ бинанд, донанд ва эхсос намоянд, ки Помир (айни хол нохияи Мургоб) як кисми хоки Бадахшон аст ва ба кавму миллат хеч рабте надорад.

б) Онхоеро, ки миллати худро "помирӣ" меноманд ва тахти ин ном хадафхои шовинистӣ ва чудоиандозии худ ва давлатхои ба Точикистон нодӯстро фаъолона амалӣ месозанд, барои вурудашон ба хоки Точикистон тахрим чорӣ гардад.

в) Дар расонахои хабарии Точикистон бахси точик будан ё набудани бадахшонихо катъ карда шавад ва хар расона ё шахсе, ки ба ин бахс даст мезанад, ба чавобгарӣ кашида шавад.

Бо асаби бадахшонихо бозӣ кардан бас аст!

Дигар айбу шарм аст бо чанд нафар шӯрандозе, ки аслан кирои таваччух намекунанд, дар атрофи як мавзуе, ки кайхо исбот шудааст, бахсу мунозира барпо доштан ва ба хамин восита онхоро реклама кардану дар назари мардум ракиби сазовор ба чилва овардан!